# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. – Душанбе, 2026. – 190 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ба муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01.04.2022, №95/шд ва 25.10.2024, №407/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» бори аввал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар шароити муосир ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, пеш аз ҳама ҳуқуқ ба ҳаёт, яке аз арзишҳои олии ҳуқуқии давлату ҷомеа ба шумор меравад. Зуҳуроти худкушӣ ва махсусан ба худкушӣ расонидан ҳамчун зуҳуроти хавфноки иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ на танҳо ба манфиати шахсият, балки ба суботи маънавию иҷтимоии ҷомеа низ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Афзоиши шаклҳои гуногуни фишори равонӣ, зӯроварӣ, таҳдид ва пастзании шаъну эътибор дар муҳити иҷтимоӣ зарурати бознигарии амиқи асосҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятиро барои чунин кирдорҳо ба миён мегузорад. Мубрамияти таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо номукаммалии баъзе

паҳлуҳои танзими ҳуқуқӣ ва мавҷудияти мушкилоти тафсир ва татбиқи меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста мебошад. Махсусан, масъалаҳои марбут ба муайян намудани объект ва объекти бевоситаи ҷиноят, хусусиятҳои тарафи субъективӣ, доираи тарзҳои содир намудани кирдор ва тафриқагузорӣ миёни шаклҳои гуногуни таъсиррасонӣ ба ҷабрдида ниёз ба таҳлили мукаммали илмӣ доранд.

Ҳамзамон, таҳаввули таърихии қонунгузории миллӣ, аз ҷумла муқаррароти Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон, инчунин таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои пасошуравӣ, нишон медиҳад, ки муносибат ба криминализатсияи ба худкушӣ расонидан ва шаклҳои марбут ба он гуногун буда, масъалаҳои марбут ба моилсозӣ, мусоидат ё сафедсозии худкушӣ то ҳол баҳснок боқӣ мемонанд. Ин ҳолат зарурати таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқиро ҷиҳати такмили қонунгузории миллӣ тақозо намудааст, ки онро муҳаққиқ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Илова бар ин, табиати мураккаби равонӣ-иҷтимоии падидаи худкушӣ, ки дар он омилҳои ахлоқӣ, равонӣ ва муҳитӣ бо ҳам пайванд меёбанд, талаб менамояд, ки масъала на танҳо аз дидгоҳи ҳуқуқӣ, балки дар ҳамбастагӣ бо донишҳои соҳаҳои дигар низ баррасӣ гардад. Зеро таъсири ғайриқонунии шахс ба ҳолати равонии ҷабрдида метавонад ба харобшавии шахсият ва аз даст рафтани арзиши олӣ – ҳаёти инсон оварда расонад.

Бо дарназардошти мулоҳизаҳои зикршуда, таҳқиқи маҷмӯии ҷанбаҳои назариявию амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан, ташаккули тафриқагузориҳои нави ҳуқуқӣ, таснифи унсурҳои таркиби ҷиноят ва таҳияи тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятӣ аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ дорад. Ин раванди таҳқикот зарурати воқеии иҷтимоию ҳуқуқиро дар шароити муосири рушди давлатдории миллӣ инъикос намуда, барои баланд бардоштани самаранокии ҳифзи ҳуқуқии ҳаёти инсон заминаи мусоид фароҳам меорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии мавриди тақриз, пеш аз ҳама, дар хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои муаллиф таҷассум ёфта, моҳиятан ба такмили низоми ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар самти ҳифзи ҳаёти инсон равона гардидааст. Дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ бори аввал ба таври муфассал ва асоснок пешниҳоди ворид намудани моддаи мустақил ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои моилсозӣ ба худкушӣ ё мусоидат ба содир намудани он ба миён гузошта шудааст.

Муаллиф бо такя ба таҳлили таърихию ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ нишон медиҳад, ки дар раванди рушди қонунгузории ҷиноятии миллӣ ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт марҳилаҳои гуногуни тағйир ва такмилро паси сар намудаанд. Бо вуҷуди ин, таҳаввулоти муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла густариши воситаҳои иртиботи электронӣ, тағйири муҳити иҷтимоӣ ва пайдоиши шаклҳои нави таъсиррасонии равонӣ, зарурати аз нав баррасӣ намудани ҳадду ҳудуди криминализатсияро ба миён овардааст. Аз ҳамин лиҳоз, кирдори моилсозӣ ба худкушӣ ё мусоидат ба он, ки дорои дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятӣ мебошад, ниёз ба танзими мустақили ҳуқуқии ҷиноятӣ дорад.

Аз нигоҳи таҳлили таркиби ҷиноят, муаллиф масъалаи муайян намудани объекти бевоситаи ҳифз – ҳаёти инсон, тарафи объективӣ – ҳаракат ё беҳаракатӣ, ки ба ташаккули қарор оид ба худкушӣ ё амалӣ гардидани он мусоидат менамояд, субъект – шахси воқеии мукаллафи ба синни муқаррарнамудаи ҷавобгарии ҷиноятӣ расидааст, тарафи субъективӣ – қасди бевосита ё бавоситаро мавриди баррасии амиқ қарор медиҳад. Бо ин роҳ, асосноккунии доктриналии ҷудо намудани чунин таркиб ҳамчун ҷинояти мустақил пешниҳод мегардад.

Аҳаммияти илмии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳодҳо ва хулосаҳои таҳиягар метавонанд ба такмили техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, дақиқгардонии классификатсияи ҷиноятҳо ва таъмин намудани ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ саҳми назаррас гузоранд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти мазкур ҳамчун саҳми мустақилонаи доктриналӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мешавад. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда маҷмӯи ғояҳои нави илмиро ташкил дода, тадриҷан консепсияи мукаммали ҳуқуқии ҷиноятиро оид ба ҳифзи ҳуқуқ ба ҳаёт ва пешгирии таҷовуз ба дахлнопазирии ҳаёти шахс таҷассум менамоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» тавассути асоснокии мустаҳками илмӣ ва пойгоҳи васеи эмпирикӣ таъмин гардидааст. Ҳар як хулосаи назариявӣ ва пешниҳоди амалии муаллиф бар пояи далелҳои раднопазири таҳқиқӣ, таҳлили амиқи вазъи ҷинояткорӣ ва омӯзиши муфассали таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ таҳия шудааст. Ҷанбаҳои калидии эътимоднокии кор иборатанд аз:

- таҳлили маводи таҷрибавӣ: Эътимоднокии илмии корро омӯзиши муқоисавию ҳуқуқии беш аз 160 парвандаи ҷиноятии марбут ба моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба худкушӣ расонидан) ва дигар ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ташкил медиҳад, ки ин барои баровардани хулосаҳои умумишудаи илмӣ заминаи кофӣ фароҳам меорад.

- истифодаи маълумотҳои оморӣ: Дар ҷараёни пажӯҳиш нишондиҳандаҳои омории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ дар як давраи муайяни вақт мавриди коркарди илмӣ қарор гирифтаанд, ки ин имкон

медиҳад динамика ва тамоюлҳои (тенденция) ин намуди ҷиноят дақиқ арзёбӣ карда шавад.

- методологияи таҳқиқот: Истифодаи маҷмӯии методҳои оморӣ, сотсиологӣ (пурсишҳо, омӯзиши ҳуҷҷатҳо) ва таҳлили парвандаҳои мушаххаси судӣ, воқеъбинона будани хулосаҳо ва тавсияҳои барои илму амалия пешниҳодшударо кафолат медиҳад.

- алоқамандии назария бо амалия: Ҳар як пешниҳод оид ба такмили қонунгузорӣ на танҳо хусусияти назариявӣ дорад, балки аз зарурати рафъи мушкилоти воқеие, ки дар ҷараёни тафтиши пешакӣ ва баррасии судии парвандаҳои ин категория ба миён меоянд, сарчашма мегирад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои бадастомада, заминаи назариявии илми ҳуқуқи ҷиноятиро дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан ғанӣ мегардонанд. Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ метавонанд ҳамчун заминаи методӣ барои:

- таҳқиқоти минбаъдаи фундаменталии масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан, моил кардан ё мусоидат намудан ба худкушӣ;
- муайян кардани табиати ҳуқуқии зуҳуроти нави таҳдид ба ҳаёт дар фазои иттилоотӣ;
- таҳияи назарияҳои нави илмӣ оид ба такмили объекту субъект ва ҷанбаҳои субъективии ба худкушӣ расонидан истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи натиҷаҳо ва тавсияҳои муаллиф дар соҳаҳои зерин ифода мегардад:

1. Дар фаъолияти қонунгузорӣ: Пешниҳодҳои асосноки илмӣ ҷиҳати такмили меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз ҷумла моддаҳои 109 ва 109(1) бо мақсади рафъи холигоҳҳои ҳуқуқӣ ва мутобиқсозии онҳо ба талаботи замон.

2. Дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ: Истифодаи хулосаҳои таҳқиқот аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судҳо барои бандубасти дурусти ҷиноятҳо ва фарқ кардани ба худкушӣ расонидан аз дигар намудҳои ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт.

3. Дар раванди таълим: Истифодаи маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ» ва «Криминология» дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

Аҳамияти иҷтимоии диссертатсияи мазкур дар таҳияи заминаҳои илмию амалӣ барои ҳифзи арзиши олии инсон – ҳуқуқ ба ҳаёт ва солимии маънавии ҷомеа ифода меёбад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқ, хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 10 мақолаи илмии муаллиф мавриди инъикоси ҳаматарафа қарор гирифтаанд. Қисми асосии натиҷаҳои таҳқиқот дар 7 мақола, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, ба табъ расидаанд. Ин гувоҳи он аст, ки пешниҳодҳои муаллиф аз ҷониби ҷомеаи илмӣ ва коршиносони соҳавии ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди арзёбии мусбат қарор гирифтаанд. Дар мақолаҳои нашршуда паҳлӯҳои мураккаб ва мубрами ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан, аз ҷумла мушкилоти бандубасти ин ҷиноят, ҷанбаҳои равонии ҷабрдида, инчунин масъалаҳои такмили меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мушаххас ва асоснок баён ёфтаанд. Мақолаҳои интишоршуда на танҳо натиҷаи ҷустуҷӯҳои назариявии унвонҷӯ мебошанд, балки ҳамчун заминаи боэътимод барои такмили амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ хизмат мекунанд. Хулосаҳои дар онҳо овардашуда дар ҷараёни муҳокимаҳои илмӣ, конференсияҳо ва мизҳои мудаввар баррасӣ қарор гирифта, эътирофи мутахассисони соҳаро соҳиб гаштаанд.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии таълифнамудаи муҳаққиқ Саидзода Меҳрубон Акбархон аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, дар умум 190 саҳифаро фарогир мебошад. Дар боб ва зербобҳои диссертатсия пайдарҳамии мантиқии мазмуни таҳқиқот бо усули эҷодӣ риоя гардида, дар умум, онҳо тамоми паҳлӯҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро мегиранд.

**Боби аввали диссертатсия «Таҷрибаи таърихии муқовимат бар зидди ҷиноятҳои ба худкушӣ расонидан»** ифода гардида, аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербобҳои мазкур маҷмӯи масъалаҳои бунёдии назариявӣ ва ҷанбаҳои амалии мавзӯи таҳқиқ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Муаллиф раванди ташаккул ва таҳаввули таърихии мафҳуми ба худкушӣ расонидан, заминаҳои ташаккули он ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдорҳои ба худкушӣ расониданро таҳлил намуда, таҳаввули қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин самт пайгирӣ кардааст. Баробари ин, таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои хориҷӣ дар заминаи танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин навъи ҷиноятҳо мавриди омӯзиши муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қарор гирифтааст. Таҳлили муносибатҳои бонизом ва муқоисавии масъалаҳои мазкур имкон медиҳад, ки равандҳои такмили меъёрҳои ҳуқуқӣ бо дарназардошти талаботи муосири илми ҳуқуқшиносӣ арзёбӣ гардида, мавқеи назариявии меъёрҳои мазкур дар назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян карда шавад.

**Боби дуюми диссертатсия бо номи «Аломатҳои объективии ҷинояти ба худкушӣ расонидан»** ду зербобро доро мебошад. Дар зербобҳои мазкур

унсурҳои объективии таркиби ҷиноят, яъне объект (зербоби 1) ва тарафи объективии (зербоби 2) ба худкушӣ расонидан мавриди таҳқиқи пурраи илмӣ қарор гирифтаанд. Дар заминаи таҳлили консептуалӣ, объекти бевоситаи ҷиноят ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятии ҳифзи ҳаёти инсон, ки дар низоми арзишҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда мақоми аввалиндараҷа доранд, тавсиф шудааст. Ҳамзамон, аломатҳои тарафи объективии ҷиноят тавассути таҳлили шаклу усулҳои содиршавии кирдори ҷиноятӣ, аз ҷумла хусусиятҳои таъсиррасонии ҷисмонӣ ва равонӣ ба ҷабрдида дар шакли ҳаракат ё беҳаракатӣ, инчунин ҳолатҳои моилсозӣ барои ба худкушӣ бозгӯӣ шудаанд. Ин равиши таҳқиқот имкон медиҳад, ки таркиби объективии ҷиноят дар иртибот бо таҷрибаи судӣ ва қонунгузории муқоисавӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ гардида, барои такмили меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва таҳияи тавсияҳои илман асосноки методию амалӣ заминаи боэътимод фароҳам оварда шавад.

**Боби сеюми диссертатсия «Аломатҳои субъективии ҷинояти ба худкушӣ расонидан»** номгузорӣ гардида, он аз се зербоб иборат мебошад. Дар доираи боби мазкур таҳқиқи пурраи аломатҳои субъективии таркиби ба худкушӣ расонидан ба анҷом расонида шудааст. Дар зербоби аввал хусусиятҳои ҳуқуқии субъекти ба худкушӣ расонидан, аз ҷумла талаботи қонунгузорӣ нисбат ба шахси воқеӣ, ҳолати мукаллафӣ ва синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд. Зербоби дуюм ба баррасии тарафи субъективии ҷиноят бахшида шуда, дар он табиати ҳуқуқии гуноҳ, мақсад ва ҳолати рӯҳии гунаҳкор ҳангоми содир намудани кирдор муайян карда шудааст. Ҳамзамон, дар зербоби сеюм масъалаҳои муҳими диференсиатсияи ҳуқуқии ба худкушӣ расонидан аз дигар таркибҳои ҷиноятии монанд таҳқиқ гардидаанд.

Дар хулосаи таҳқиқоти гузаронидашудаи диссертатсионӣ, муаллиф Саидзода Меҳрубон Акбархон мафҳуми муаллифии «ба худкушӣ расонидан»-ро таҳия ва асоснок намудааст. Мувофиқи ин таъриф, ба

худкушӣ расонидан бояд ҳаракатҳои ғайриқонунии шахс фаҳмида шаванд, ки дар шакли таҳдидҳои мунтазам, истифодаи фишори равонӣ ё зӯроварӣ, пастзании такрории шаъну эътибори инсон, инчунин фароҳам овардани шароити аз ҷиҳати равонӣ вазнин ифода меёбанд. Бори аввал дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ пешниҳод гардидани ин мафҳум заминаҳои назариявиро барои таҳқиқоти минбаъдаи соҳавӣ тақвият бахшида, ҷиҳати мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, дар кор ба мафҳуми «худкушӣ» аз нигоҳи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ таърифи нав дода шудааст, ки моҳияти иҷтимоию ҳуқуқии ин падидаро амиқ бозгӯӣ мекунад.

Бо вуҷуди эътирофи сатҳи баланди таҳқиқоти анҷомдодашуда ва арзиши назариявии натиҷаҳои бадастомада, дар рисолаи мазкур як қатор масъалаҳои дорои хусусияти мубоҳисавӣ мушоҳида мегарданд. Ин ҳолатҳоро метавон дар маҷмӯи нуктаҳои зерин гурӯҳбандӣ ва пешниҳод намуд:

1. Муаллиф тағйироти ҷиддии диспозитсияи моддаи 110 КҶ РСС Тоҷикистон соли 1961 ва моддаи 109 КҶ ҶТ соли 1998-ро зикр кардааст (саҳ. 47-48 диссертатсия). Аммо дар матн ба таври кофӣ шарҳ дода нашудааст, ки чаро қонунгузори муосир (соли 1998) аломати «вобастагии моддӣ ё дигар вобастагӣ»-ро аз таркиби асосии ҷиноят хориҷ кард ва ин иқдом аз назари амалияи тафтишотӣ чӣ гуна натиҷаҳо ба бор овард.

2. Дар матн омадааст, ки дар КҶ РСС Тоҷикистон соли 1961 ҷавобгарии мустақил барои ёрӣ расонидан ё талқини худкушии ноболиғон (ки дар КҶ 1935 мавҷуд буд) хориҷ карда шуд (саҳ. 46 диссертатсия). Муаллиф инро бо «одамкушӣ» бандубаст шудани ин амал асоснок мекунад, вале ҷиҳати баҳсталаби ин масъала – яъне мушкилоти исботи қасди одамкушӣ дар ин ҳолатҳо – дар матн ба таври васеъ кушода нашудааст.

3. Ҳангоми шарҳи синну соли субъекти ба худкушӣ расонидан, муаллиф ба Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2002 (саҳ. 120 диссертатсия) истинод кардааст. Бо дарназардошти он ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва таҷрибаи судӣ дар ин муддат

тағйиротҳои зиёд дидаанд, беҳтар мебуд, ки муаллиф дар баробари ин қарор, ба шарҳҳои навтарини таҷрибаи судии солҳои охир низ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекард, то мубрамияти таҳқиқот боз ҳам қавитар гардад.

Бо вуҷуди эродҳо ва мулоҳизаҳои зикршуда, камбудиҳои мавҷуда ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва аҳамияти амалии рисола халали ҷиддӣ ворид намекунанд. Онҳо ба сатҳи умумии таҳқиқоти анҷомёфта, асоснокии натиҷаҳо ва хулосаҳои бадастомада таъсири манфӣ намерасонанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Барасмиятдарории диссертатсия бо риояи меъёрҳои услубӣ, қоидаҳои грамматикӣ ва академӣ иҷро гардида, талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ пурра таъмин шудааст.

Мазмуну муҳтавои автореферат ҷанбаҳои калидии диссертатсияро пурра бозгӯӣ намуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
Декани факултети иқтисодиёт ва тиҷорати
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент Гайратов Т.М.

**Суроға муқарриз:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи, Сино, кӯчаи Испечак, х 15/6 ҳ 33 Тел: (+992) 933-37-41-37; E-mail: timursho.gayratov@mail.ru

**Имзои Гайратов Т.М.-ро**
**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.
«18» марти соли 2026

**Суроға муқарриз:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2,Тел.: (+992) 37 234-83-46, Факс.: (+992) 37 234-85-46, E-mail: mal@ddtt.tj